«Тасдиқ мекунам»
Сардори Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-полковники хадамоти гумрук
Каримзода Х.А. ____________
«02» ____03____ соли 2026

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент
Сатторзода Б.А. ____________
«02» ____________ соли 2026

# НИЗОМНОМАИ

Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2026 бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ташкил ва гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2026 бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд «Озмун»)-ро танзим менамояд.

1.2. Масъули баргузории озмуни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошанд.

## II. МАҚСАДИ ОЗМУН

2.1. Ҳадаф аз баргузории озмуни мазкур дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати суръат бахшидани раванди ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти гумрук, рақамикунонии пардохтҳои гумрукӣ бо истифода аз низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, назорати фосилавии фаъолияти дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ, иттилооти пешакӣ, ҳамзамон, ҳамгироии ҳатмии "Равзанаи ягона" бо низоми иттилоотии мақомоти молия, андоз, бонкҳо ва дигар вазорату идораҳои дахлдор, пардохтҳои гумрукӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, тайёр намудани мутахассисони сатҳи баланди касбӣ, тақвияти донишҳои назариявӣ ва амалии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти низоми фаъолияти гумрукӣ ва баланд бардоштани ҳисси хештаншиносию худогоҳии миллии ҷавонону донишҷӯён мебошад.

2.2. Мусоидат ба иштироки фаъолонаи донишҷӯён ва тайёр намудани онҳо барои иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва дарёфти чеҳраҳои нави боистеъдод ва иштирокчии озмуну олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун, инчунин, ҷалби онҳо дар татбиқи корҳои илмӣ-тадқиқотии ба самти илмҳои замони муосир равонагардида мебошад;

2.3. Ҷалби бештари донишҷӯён ба дарки моҳияти иқтисодиёти рақамӣ, ҳукумати электронӣ, тиҷорати электронӣ ва тадбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ";

2.4. Дарёфт ва ҳавасмандгардонии донишҷӯёни лаёқатманд.

## III. ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

Дар Озмун донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ метавонанд иштирок намоянд.

## IV. МУҲЛАТ ВА ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

Озмун аз рӯи ду номинатсия гузаронида мешавад: инфиродӣ ва даставӣ.

4.1. Номинатсияи инфиродии Озмун дар ду марҳила гузаронида шуда, дар марҳилаи якум ба донишҷӯён 20 саволи тестӣ пешниҳод ва барои омода намудани ҷавоб панҷоҳ дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Даҳ нафар иштирокчиёне ғолиб дониста мешаванд, ки ба бештари саволҳо ҷавобҳои дуруст додаанд. Дар мавриди гирифтани холҳои баробар барои муайян кардани ғолибони Озмун ба онҳо саволҳои тестии иловагӣ пешниҳод мегардад. Аз рӯи натиҷаҳои саволҳои хаттӣ даҳ нафар донишҷӯёни холҳои баландро сазоворгардида ба давраи дуюм роҳхат

мегиранд. Даври дуюми Озмун дар шакли шифоҳӣ ба тариқи саволу ҷавоб сурат мегирад.

4.2. Номинатсияи дуюми Озмун ба тариқи дастаӣ гузаронида мешавад. Дар ҳар як даста аз 3 то 4 нафар донишҷӯ ҳуқуқи иштирок карданро доранд. Ба дастаҳо 5 саволи пешниҳод карда мешавад.

4.3. Ғолибони ҷойҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм (инфиродӣ ва дастаӣ) бо мукофотҳои пулӣ ва ифтихорномаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонида мешаванд.

4.4. Шартҳо, эълон ва натиҷаи Озмун дар рӯзномаи «Молия ва иқтисод», маҷаллаи «Гумрук» ва дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон http://tgfeu.tj ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон http://gumruk.tj интишор мегарданд.

## V. МАВЗУЪҲОИ АСОСӢ БАРОИ ТАҲИЯИ САВОЛҲО

Муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории соҳаи гумрук.

## VI. МЕЪЁРИ БАҲОДИҲИИ ОЗМУН

Ҳангоми арзёбии ҷавобҳо меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ истифода карда мешаванд.

6.1. Мутобиқати ҷавоб ба муқаррароти Кодекси гумруки амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳои хаттии пешниҳодшуда дар номинатсияи инфиродии Озмун сад хол, яъне барои ҳар як савол панҷ холӣ баҳогузорӣ карда мешавад ва барои ҷавобҳои дуруст дар номинатсияи дастаии Озмун аз 1 то 5 хол баҳогузорӣ карда мешавад;

6.2. Пуррагӣ ва саҳеҳии ҷавобҳо.

## VII.КОМИССИЯИ ОЗМУН

7.1. Ташкил ва тартиби гузаронидани озмунро комиссияи тадорукотии Озмун муайян мекунад, ки дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ таъсис дода мешавад.

7.2. Ба ҳайати аъзои комиссияи тадорукотии озмун намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷалб карда мешавад.

7.3. Ҳайати комиссияи озмунӣ иборат аз 4 нафар: раис, аъзоён (аз мақомоти гумрук) ва котиби масъул (аз ДДМИТ) муқаррар карда мешавад.

7.4. Баррасӣ, баҳогузорӣ ва муайян намудани ғолибони Озмун аз ҷониби ҳайати Комиссия анҷом дода мешавад.

7.5. Комиссия кори худро ба таври ошкоро ба роҳ монда, ба ҳар як донишҷӯ боадолатона баҳогузорӣ менамояд.

7.6. Котиби масъули Комиссия ҳуҷҷатҳои донишҷӯёнро қабул намуда, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳоро тафтиш ва назорат менамояд.

## VIII. МУҲЛАТИ БАРГУЗОРӢ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

8.1. Муҳлати пешниҳоди дархост ҷиҳати иштирок дар Озмун то санаи 20 апрели соли 2026 муайян карда мешавад. (Суроға: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, E-mail: g-ozmun2026@mail.ru, тел: 55-580-44-00, 91-927-67-76);

8.2. Озмун санаи 24-25-уми апрели соли 2026 баргузор гардида, ғолибони озмун дар нимаи дуюми ҳамин рӯз аз ҷониби комиссия муайян гардида, дар вазъияти тантанавӣ бо диплом, мукофоти пулӣ ва ифтихорнома сарфароз гардонида мешаванд.

8.3. Барои ҳавасмандкунии ғолибон ҷойҳои I - 1 нафар, II - 1 нафар, III - 2 нафар ва 3 ҷойи ифтихорӣ муайян карда мешавад.

8.4. Дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ғолибон чунин мукофотҳои пулӣ пешбинӣ карда шудааст:

Ҷойи якум - 5000 сомонӣ;

Ҷойҳои дуюм - 3000 сомонӣ;

Ҷойҳои сеюм - 1500 сомонӣ;

Ҷойҳои ифтихорӣ - Ифтихорномаи донишгоҳ.

Замимаи 1.
НАМУНА
«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
РЕКТОРИ ..........................
_______________ .........................
«___» __________________ 2026с.

Рӯйхати
донишҷӯёни .......... (номи МТОК)...., ки дар озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» иштирок мекунанд

| № | Муассисаи таълимӣ | Ном, насаб ва номи падари иштирокчӣ | Курс | Ихтисос | Рақами телефон, суроғаи электронӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Эзоҳ:
Ба рӯйхат ҳуҷҷатҳои зерин бояд замима гарданд:
1. Нусхаи шиносномаи донишҷӯ;
2. Нусхаи дафтарчаи имтиҳонотии донишҷӯ;
3. Нусхаи фармоиш оид ба таҳсили донишҷӯ.

Барои маълумоти иловагӣ:
Буриева М.Ч.-(шахси масъул)
Тел: +992-55-580-44-00, +992 91-927-67-76,
E-mail: burievam@list.ru